# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ ба диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи «Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилӣ (1991-2024)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ)**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои таърих Абдурашитов Ф.М. (раиси комиссия), доктори илмҳои таърих Қурбонзода Х. ва доктори илмҳои таърих Қурбонова Ш.И. диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи «Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилӣ (1991-2024)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) пешниҳод шудааст, мавриди ташхис қарор дода, чунин хулоса пешниҳод менамояд.

1. Мубрам будани мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки ин мавзуъ дар илми таърихнигории ватанӣ ба қадри кофӣ ва дар сатҳи зарурӣ ҳанӯз омӯхта нашуда, таҳқиқотҳо дар сатҳи мақолаҳои алоҳида ва илмию оммавӣ нашр шудаанд. Хусусияти хоси омӯзиши таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он зоҳир мегардад, ки мавзуъ дар таъмини амният, сулҳу субот, пойдории Ваҳдат ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир накши муҳим мебозад. Аз ин рӯ, мавзуи мазкур мубрам буда, омӯзиш ва баррасии масоили таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят мубрам мебошад.

2. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот. Муҳаққиқ раванди таъсис ва ташаккули муассисаҳои таълимии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ (1991-2024) ҳадафи таҳқиқоти худ қарор дода, барои расидан ба ин мақсад иҷрои 7 масъаларо вазифагузорӣ намудааст.

3. Навгонии илмии таҳқиқ аз он иборат аст, ки дар таърихнигории ватанӣ бори нахуст "Раванди таъсис ва ташаккули муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилӣ (1991-2024)" омӯхта шудааст. Дар диссертатсияи масъалаи таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охири мавҷудияти ИҶШС ва

даврони Истиқлолияти давлатӣ, раванди таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ, омилҳои ташаккул ва рушди таҳсилоти касбӣ дар низоми ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои ислоҳоти милитсия, вижагиҳои мутобиқгардонии раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, омилҳо ва унсурҳои ташаккули худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ ва саҳми муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар омода намудани кадрҳои баландихтисос таҳқиқ гардидааст.

4.Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки мавод ва натиҷаҳои рисолаи илмӣ дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии низоми ВКД ба таври васеъ истифода мегарданд. Маводи диссертатсия дар омӯзиши фанҳои таърихи халқи тоҷик (давраи Истиқлолият), таърихи милитсияи тоҷик, таърихи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳамчунин дар машғулиятҳои факултативӣ бо ихтисоси таърих ва ҳуқуқшиносӣ мавриди истифодаи васеъ қарор мегиранд.

5. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он ба назар мерасад, ки омӯзиши мавзуи диссертатсионӣ натиҷаи фаъолияти чандинсолаи муаллиф дар асоси таҳлил ва баррасии сарчашмаҳои таърихӣ, маводи илмӣ-таълимӣ, бойгонӣ, нашриёти даврӣ мебошад. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳлилу баррасии масъалаҳо мақсад ва вазифаҳои гузошташударо иҷро намуда, дар навгонии илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳо саҳми шахсии худро гузоштааст. Муаллиф дар такя ба осори илмии таърихии давраҳои гунонун, аз ҷумла Истиқлолияти давлатӣ андешаҳои хешро нисбат ба омодасозии кадрҳо дар низоми мақомоти корҳои дохилӣ баён намуда, хулосабарорӣ намудааст, ки масъалаи мазкур аз даврони шуравӣ комилан фарқ намуда, дар замони истиқлолият пешравиҳои назаррас ба вуҷуд омада, муассисаҳои таълимӣ рушд ва такмил ёфтанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 51 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мутоби буда, дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ иҷро гардидааст. Диссерататсия дар кафедраи мазкур муҳокима гардида, барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ тавсия шудааст.

7. Хулоса дар ҷаласаи дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба

номи С. Айнӣ қабул гардида, баҳои объективонаи диссертатсияро дар бар гирифта, мусбӣ мебошад.

8. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои муҳим дар соҳаи таърихи ватанӣ ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

9. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи пешниҳодшуда бо шиносномаи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ), ки аз рӯи он ба шурои диссертатсионӣ тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, № 120/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст ва ҳамчунин, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд, мувофиқат менамояд.

10. Оид ба муҳтавои диссертатсия муаллиф 5 дастури таълимӣ-методӣ, 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 мақола дар нашрияҳои дигар ва 6 маводи конфронсӣ чоп намуда, аз рӯйи мавзуъ дар конференсияҳои илмӣ-назариявии дохилиакадемиявӣ, сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ бо маърузаҳои илмӣ баромад намудааст.

11. Дар диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки аз риоя шудани талаботи банди 37- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад. Асолати матни диссертатсия __80___% аз ҳаҷми умумии кор ифода мекунад, ки бо маълумотнома тасдиқ карда шудааст. Иқтибосҳо ба расмият дароварда шуданд.

12. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Ташрифзода Ф.Қ. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопнагардида мавҷуд нест.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбонро дар мавзуи «Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилӣ (1991-2024)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267)

ҚАРОР КАРД:

**1.** Диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи «Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилӣ (1991-2024)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

**2.** Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ таҳқиқотияшон ва маколаҳои таълифкардаашон ба ихтисоси 07.00.02-Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқат доранд, ба ҳайси мукарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

-Ализода Баҳриддин Пирмуҳаммад-доктори илмҳои таърих, иҷрокунандаи вазифаи профессор, директори Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-Равшанзод Маликфаридун– номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии “Донигоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хисрав” тавсия дода шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои таърих,**
**аъзои шурои диссертатсионӣ** **Абдурашитов Ф.М.**
**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои таърих,**
**аъзои шурои диссертатсионӣ** **Қурбонзода Х.**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои таърих,**
**аъзои шурои диссертатсионӣ** **Қурбонова Ш.И.**

“ 24 ” 12 ” соли 2025.